| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тагйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳо оид ба ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин гайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои заҳрнок иштирок менамоянд. |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 01.09.2024 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи тахияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қонуни мазкур аз 16 май то 16 июни соли 2024 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қонуни мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Тағйиру иловаҳо моддаҳои 23, 200, 202, $202^2$, 204, 206 ва $206^1$ КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро ғирифта, инчунин ҷиҳати мушаххас намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моддаҳои сахтаъсир ба Кодекси ҷиноятӣ ворид намудани моддаҳои $206^2$-$206^5$ дар назар дошта шудааст.<br>Қобили зикр аст, ки замимаи №1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 2023 дар таҳрири нав тасдиқ гардида, дар он номгӯй ва миқдори |

| | | |
|---|---|---|
| | | растаниҳои дорои воситаҳои нашъадор пешбинӣ шудааст. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қисми 2 моддаи 23, банди 3) эзоҳи моддаи 200 ва моддаи 204 Кодекси ҷиноятии амалкунанда калимаҳои «зироатҳои» ва «зироатҳое» мутобиқан ба калимаҳои «растаниҳои» ва «растаниҳое» иваз карда шаванд.<br>Дар моддаи 202 ва $202^2$ КҶ амалкунанда миқдори маводи нашъаовар барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муқаррар карда нашудааст, ки ҳангоми бандубасти ҷинояткорон монеагиҳо эҷод мекунад. Бинобар ин, дар лоиҳаи таҳияшуда ин камбудиҳо бартараф карда шудаанд. |
| 8 | Ифодаи максадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи Қонуни мазкур ҷиҳати иҷрои банди 40-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар солҳои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2021, №145 тасдиқ гардидааст ва банди 3 қарори протоколи ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (масъалаи 3-юми рӯзномаи он) аз 30 ноябри соли 2023 таҳия карда шудааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи мазкур аз 2 модда ва 10 банд иборат буда, муносибатҳо оид ба ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин гайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои захрнокро танзим менамояд.<br>Лоиҳа бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи ҷумҳурӣ доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.<br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- муқаррар накардани миқдори маводи нашъаовар барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, ки ҳангоми бандубасти ҷинояткорон дар сурати муайян набудани миқдори маводи нашъаовар монеагиҳо эҷод мекунад. Бинобар ин, дар лоиҳаи таҳияшуда ин |

| | | |
|---|---|---|
| | | камбудиҳо бартараф карда шудаанд;<br>- миқдори моддаҳои сахттаъсирро барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс муқаррар гардидаастт, дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми банду басти кирдори онҳо мушкилиҳои ҷойдоштаро бартараф менамояд. Бинобар ин, дар лоиҳаи таҳияшуда ин камбудиҳо бартараф карда шудаанд |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмуъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои самти мазкур равона гардидааст.<br>Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чораҳо (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуҳуқӣ) андешида шудаанд:<br>• фаҳмондадиҳӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ки дар муносибатхои зикргардида иштирок менамоянд. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи қонуни мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблаггузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>• ҳангоми бандубасти ҷинояткорон монеагиҳоро бартараф менамояд. Бинобар ин, дар лоиҳаи таҳияшуда ин камбудиҳо бартараф карда шудаанд;<br>• дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми банду басти кирдори ҷинояткорон мушкилиҳои бартарф менамояд.<br>Оқибатҳои иқдисодии лоиҳаи мазкур:<br>• муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳоро ба танзи медарорад.<br>• барои муомилоти моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, гирифтани иҷозатномаи дахлдорро пешбинӣ гардидааст<br>Бо қабул гардидани лоиҳаи пешниҳодшуда татбиқи дуруст ва яксони мукарраротн конунгузории амалкунанда оид ба муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, мусоидат хохад намуд.<br>Бидуни ворид намудани чунин тағйиру иловаҳо ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин танзими масъалаи мазкур гайриимкон мебошад. |

| | | |
|---|---|---|
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз ва ҳимоя мегарданд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 15 сентябри соли 2024 |

Директори Агентии назорати
маводи нашъаовари назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
генерал-майори х.н.м.н. Зафар Самад